Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64/14)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Дар шароити муосир идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар таъмини суботи низоми молиявии кишвар мебошад. Идоракунии устувории молиявӣ бояд на танҳо ба муқовимат бо хатарҳо нигаронида шавад, балки рушди устувори бонкро дар муҳити рақобатноки бозор таъмин намояд.

Ноустувории бозор на танҳо ба устувории молиявӣ, балки ба динамикаи қарздиҳӣ, ки суръат ва ҳаҷми он коҳиш меёбад, таъсири манфӣ мерасонад. Дар мавриди коҳиши фаъолияти қарздиҳии бонкҳои ватанӣ кӯшиш мекунанд, ки манфиати ҷомеаро барои гузоштани маблағҳо ба пасандозҳо нигоҳ доранд.

Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз шартҳои асосии ташаккули низоми устувори бонкӣ дар кишвар ва устувории ҳар як бонки тиҷоратӣ такмили механизми идоракунӣ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти самараноки идоракунии молиявии бонк имкон медиҳад, ки ҳадаф ва вазифаҳои фаъолияти бонк пурра амалӣ карда шуда, устувории молиявии он таъмин карда шавад ва омили бунёдии рушди устувори бонкҳои тиҷоратӣ ва тамоми иқтисодиёти кишвар гардад.

Унвонҷӯ дуруст қайд намудааст, ки сарфи назар аз он, ки мушкилоти устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз давраҳои пеш коркард мешаванд, бо вуҷуди ин, масъалаҳои ҳалнашуда ҳанӯз ҳам боқӣ мемонанд, ки ин ба мушкилоти мураккаб ва бисёрпаҳлу будани он алоқаманд аст. Зоҳиран, ошкор сохтани мушкилоти бонкҳои тиҷоратӣ ва саривақт дахолат кардан ба он фаъолияти оптималии низоми бонкиро, ки системаи хунгардиши тамоми иқтисодиётро ташкил медиҳад, таъмин менамояд.

Дар автореферат қайд карда шудааст, ки дар ояндаи наздик бонкҳое, ки метавонанд ба ниёзҳои насли наврас бомуваффақият мутобиқ шаванд, бартарии рақобатӣ ба даст меоранд ва метавонанд онҳоро ҳамчун муштариёни худ барои солҳои оянда нигоҳ доранд.

Муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқ дар умум 10 мақолаи илмӣ таълифу интишор кардааст, ки 8 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Илова ба пешравиҳои дар автореферат ҷойдошта, чунин ба назар мерасад, ки баъзе мавридҳо аз назари муаллиф дур мондааст: Аз мутолиаи автореферат маълум гардид, ки муҳаққиқ зимни таҳияи автореферат аз барномаҳои давлатӣ диққат кам зоҳир кардааст. Аз ин рӯ хуб мешуд, ки муҳаққиқ истифодаи барномаҳои мазкурро дар автореферат дарҷ мекард.

Ин эрод хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳусну арзиши кор таъсир намерасонад.

Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз кори мукаммалу анҷомёфта будани он гувоҳӣ медиҳад. Автореферат ба ҳамаи талаботҳо, аз ҷумла «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад. Чунин меҳисобем, ки муаллифи кор сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иҳтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда**:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи молияи Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Алишоев Х.Ҳ.

Имзои Алишоев Х.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, х.Борбад, 48/5
Тел: 992 (37)-234-88-02. E-mail: info@iutet.tj Сомона:www.iutet.tj